Дар корҳои Л.С. Понтрягин муносибати нисбатан аҷиб ба бозиҳои дифференсиалӣ мушоҳида мешавад. Мувофиқи усули ӯ, бозии дифференциалӣ аз назари таъқибкунанда ва аз назари гурезанда дар алоҳидагӣ баррасӣ карда мешавад. Дар баробари ин, дар вақти баррасии бозӣ аз назари таъқибкунанда ва аз назари гурезанда иттилоотҳои гуногун истифода бурда мешавад, ки ин ногузир масъаларо ба ду масъалаи гуногун ҷудо менамояд: масъалаи таъқибкунӣ (м.т.) ва масъалаи гурехтан(м.г.). Чуноне ки Л.С. Понтрягин[13] қайд менамояд, бо усули ба Р. Айзекс тааллуқдошта, ҳам дар м.т. ва ҳам дар м.г., иттилооти ягона дар бораи мавқеи $z(t)$ истифода бурда мешавад. Дар як замон, тахмин карда мешавад, ки идоракунии оптималии таъқибкунӣ $u = u(z)$ ва идоракунии оптималии гурехтан $v = v(z)$ мавҷуд аст. Ин усул масъаларо хеле хуб муайян менамояд. Вале маҳз ҳамин муайянӣ, ҳалли масъаларо душвор намуда, синфи масъалаҳои баррасишавандаро маҳдуд менамояд.

Барои бозиҳои дифференсиалии хаттӣ Л.С. Понтрягин дар кори худ[12] усулҳои якум ва дуюми ҳалли м.т. ва дар кори[13] якҷоя бо Е.Ф. Мишенко, шартҳои кифоягии ҳалшавандагии м.г.-ро исбот намудааст. Минбаъда натиҷаҳои асосии Л.С. Понтрягин ба синфҳои гуногуни бозиҳо паҳн карда шуданд. Масалан, М.С. Николский[21], А.В. Мезенсев[22], А.Я. Азимов[23], Б.Б. Рихсиев[24] ва Н. Мамадалиев[25] м.т.-ро дар фазои охирченака, дар ҳоле, ки ба идоракуниҳои бозингарҳо

---

[15] Бердышев Ю.И. Об одной задаче последовательного сближения нелинейной управляемой системы третьего порядка с группой движущихся точек [Текст] / Ю.И. Бердышев // ПММ. – 2002. – Т. 66. – № 5. – С. 742–752.

[16] Красовский Н.Н. Линейные дифференциально-разностные игры [Текст] / Н.Н. Красовский, Ю.С. Осипов // ДАН СССР. – 1971. – Т. 197. – С. 777–780.

[17] Кряжимский А.В. Аппроксимация линейных дифференциально разностных игр [Текст] / А.В. Кряжимский, В.И. Максимов // ПММ. – 1978. – Т. 42. – №2. – С. 202–209.

[18] Куржанский А.Б. Управление и наблюдение в условиях неопределенности [Текст] / Куржанский А.Б. – М.: Наука, 1977. – 390 с.

[19] Лукоянов Н.Ю. К теории позиционных дифференциальных игр для систем нейтрального типа [Текст] / Н.Ю. Лукоянов, А.Р. Пласкин // Тр.Ин-та мат-ки и механики УрО РАН. – 2019. – Т. 25. – №3. – С. 118–128.

[20] Субботин А.И. Оптимизация гарантии в задачах управления [Текст] / А.И. Субботин, А.Г. Ченцов. – М.: Наука, 1981. – 288 с.

[21] Никольский М.С. Прямой метод в линейных дифференциальных играх с интегральными ограничениями [Текст] / М.С. Никольский // Управляемые системы - Новосибирск. – 1969. – В.2. – С. 49–59.

[22] Мезенцев А.В. Дифференциальные игры с интегральными ограничениями на управления [Текст] / А.В. Мезенцев // – М.: МГУ. 1988. – 135 с.

[23] Азимов А.Я. Линейная дифференциальная игра убегания с интегральными ограничениями [Текст] / А.Я. Азимов // Ж. вычисл. мат. и мат. физ. – 1974. – Т.14. – №6. – С. 1427–1436.

[24] Рихсиев Б.Б. Об одной линейной задаче преследования многих лиц с интегральными ограничениями на управления игроков [Текст] / Б.Б. Рихсиев // Матем заметки. – 2001. – Т. 70. – №2. – С. 2011–2012.

[25] Мамадалиев Н. Об одной задаче преследования с интегральными ограничениями на управления игроков [Текст] / Н. Мамадалиев // Сиб. мат. ж.. – 2015. – Т. 56. – №1. – С. 129–148.

маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта мешавад, ҳаллу фасл намудаанд. Дар кори[26] бошад шартҳои кифоягии оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ дар бозии хаттӣ исбот карда шудааст. Натиҷаҳои хеле шавқовар аз тарафи Н. Сатимов ва шогирдони ӯ ба даст оварда шудааст. Корҳои[27,28,29,30] ба баъзе бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ бахшида шуда, дар корҳои[31,32,33,34,35] бозиҳои хаттӣ ва ғайрихаттии гурехтани ду ва зиёда бозингарҳо таҳқиқ карда шудаанд. Л.А. Петросян[36] бошад, оиди ҳалшавандагии м.т., ба натиҷаҳои муҳим ноил гардидааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Корҳои дар боло овардашуда асосан ба бозиҳои дифференсиалии охирченака бахшида шуда, динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии одӣ тавсиф карда мешавад. Аммо дар амал аксар вақт ҷараёнҳои идорашавандаи ихтилофдошта дучор меоянд, ки онҳоро бо:

- муодилаҳои дифференсиалии дорои аргументҳои ақибмонда;
- муодилаҳои дифференсиалии навъи нейтралӣ;
- муодилаҳои дифференсиалии тартиби касрӣ;
- муодилахои интегралӣ-дифференсиалии тартиби касрӣ;
- муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ

тавсиф карда мешаванд. Амсилаи бисёре аз ин ҷараёнҳои идорашавандаро метавон ҳамчун бозиҳои дифференсиалӣ дар фазоҳои мувофиқи Банах таҳқиқ

---

[26] Гусятников П.Б. Об оптимальности времени преследования [Текст] / П.Б. Гусятников, М.С. Никольский // ДАН АН СССР. – 1969. – Т. 184. – №3. –С. 518–521.

[27] Азамов А.А. К первому прямому методу Понтрягина в задачах преследования [Текст] / А.А. Азамов // Матем. заметки. – 2011. – Т. 90. – В. 2. – С. 163–167.

[28] Сатимов Н. О задачах преследования и убегания в дифференциальных играх [Текст]: дисс. на соискание ученой степени д-ра ф.-м. наук: 01.01.02 / Сатимов Нуман. – Москва, 1977. – 260 с.

[29] Сатимов Н.Ю. К задаче преследования в линейных дифференциальных играх [Текст] / Н.Ю. Сатимов // Дифференц. уравнения. – 1973. – Т.9. – №11. – С. 2000–2009.

[30] Тухтасинов М.Т. Линейная дифференциальная игра преследования с импульсным управлением и линейным интегральным ограничением на управления игроков [Текст] / М.Т. Тухтасинов // Итоги науки и техн. Сер. Соврем. мат. и ее прил. – 2017. – В. 143. – С.24–39.

[31] Азамов А.А. О задаче убегания в двумерных дифференциальных играх [Текст] / А.А. Азамов // ДАН Уз.ССР. – 1974. – №8. – С. 3–5.

[32] Югай Л.П. Задача уклонения траекторий от разреженного терминального множества [Текст] / Л.П. Югай // ДАН России. – 2020. – Т. 495. – №1. – С. 107–111.

[33] Сатимов Н.Ю. О задачах избежания взаимных столкновений [Текст] / Н.Ю. Сатимов // ДАН Уз.ССР. – 1981. – № 2. – С. 3–5.

[34] Сатимов Н.Ю. Задача убегания для одного класса нелинейных дифференциальных игр [Текст] / Н.Ю. Сатимов // Дифференц. уравнения. – 1975. – Т. 11. – № 4. – С. 672–677.

[35] Сатимов Н.Ю. К задаче убегания для одного класса дифференциальных игр [Текст] / Н.Ю. Сатимов // – Изв. вузов. Матем. – 1975. – №9 (160). – С. 48–52.

[36] Петросян Л.А. Дифференциальные игры преследования [Текст] / Л.А. Петросян. – Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1977. – 222 с.

кард. Маҳз ҳамин гуна муносибат ба омӯзиши бозиҳои дифференсиалӣ дар диссертатсияи мазкур қабул шудааст. Бояд қайд кард, ки ин гуна муносибатро бисёр олимон ҳам дар назарияи идоракунии оптималӣ[37] ва ҳам дар назарияи бозиҳои дифференсиалӣ[38,39] бомуваффақият истифода мебаранд.

Рисолаи мазкур ба бозиҳои дифференсиалии хаттӣ, квазихаттӣ ва ғайрихаттии таъқибкунӣ ва гурехтан дар фазои Банах бахшида шудааст, дар ҳоле, ки динамикаи бозӣ бо:

- муодилаи дифференсиалии оддӣ;
- муодилаи дифференсиалӣ бо аргументи ақибмонда;
- муодилаи дифференсиалии навъи нейтралӣ;
- муодилаи дифференсиалии тартиби касрӣ.

тавсиф карда мешавад. Дар баробари ин м.т. ва м.г. ба маънои Л.С. Понтрягин фаҳмида мешавад.

Қайд менамоем, ки дар корҳои[40,41,42] бозиҳои дифференсиалӣ дар ҳоле омӯхта мешавад, ки динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ тавсиф карда мешавад. Корҳои[16,43,44] ба бозиҳои дифференсиалии мавқеии охирченакаи навъи дорои аргументи ақибмонда ё нейтралӣ бахшида шудаанд. Асарҳои А. Фридман[39], Ю. Осипов[45], И.Ф. Вайсбурд[46] ва В.Я. Ҷаъфаров[47] бошад, ба бозиҳои дифференсиалии мавқеии беохирченака бахшида шудаанд. Дар назарияи бозиҳои дифференсиалии дорои аргументи ақибмонда, навъи нейтралӣ ё тартиби касрӣ, дар ҳоле, ки м.т. ва м.г. ба маънои Л.С.

---

[37] Балакришнан А.В. Прикладной функциональный анализ [Текст] / А.В. Балакришнан. – М.: Наука, 1980. – 384 с.

[38] Осипов Ю.С. К теории дифференциальных игр в системах с распределенными параметрами [Текст] / Ю.С. Осипов // ДАН СССР. – 1975. – Т. 223. – №6. – С. 1314–1317.

[39] Friedman A. Differential Games of Pursuit in Banach Space [Text] / A. Friedman // J. of Mathematical analysis and applications. – 1969. – Vol.25. – P. 93–113.

[40] Маматов М.Ш. К решению задачи преследования в управляемых распределенных системах высокого порядка [Текст] / М.Ш. Маматов, Х.Н. Алимов // Математические труды. – Новосибирск. – 2013. – Т.16. – №2. – С. 1–16.

[41] Маркин Е.А. О задаче преследования для одного класса дифференциальных игр, описываемых волновым уравнением [Текст] / Е.А. Маркин //- ВМУ. Сер. математика, механика. – 1977. – №4. – С. 70–77.

[42] Сатимов Н.Ю. Об уклонении от встречи в одном классе распределенных управляемых систем [Текст] / Н.Ю. Сатимов, М. Тухтасинов // Матем. заметки. – 2015. – №97:5. – С. 749–760.

[43] Куржанский А.Б. Дифференциальные игры в системах с запаздыванием [Текст] / А.Б. Куржанский // Дифференц.уравнения. – 1971. – №7. – С. 1398–1409.

[44] Лукоянов Н.Ю. Дифференциальные игры для систем нейтрального типа: аппроксимационная модель [Текст] / Н.Ю. Лукоянов, А.Р. Плаксин // Тр. МИАН. – 2015. – Т. 291. – С. 202–214.

[45] Осипов Ю.С. Аппроксимация в задачах позиционного управления параболическими системами [Текст] / Ю.С. Осипов, А.И. Короткий // ПММ. – 1978. – Т. 42. – №4. – С. 599–605.

[46] Вайсбурд И.Ф. Дифференциальная игра сближения систем с распределенными параметрами [Текст] / И.Ф. Вайсбурд, Ю.С. Осипов // ПММ. – 1975. – Т. 39. – №5. – С. 772–779.

[47] Джафаров В.Я. Об одной дифференциальной игре сближения в гильбертовом пространстве [Текст] / В.Я. Джафаров // Дифференц. уравнения. – 1980. – Т. 16. – №11. – С. 1956–1962.

Понтрягин фаҳмида мешавад, натичаҳо нисбатан камтар аст, зеро корҳои[48,49,50,51] ба бозиҳои охирченака ва корҳои[52,53,54,55] ба бозиҳои дифференсиалии беохирченака бахшида шудаанд .

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки бозиҳои дифференсиалии дорои аргументи ақибмонда, навъи нейтралӣ ё тартиби касрӣ дар ҳоле, ки м.т. ва м.г. ба маънои Л.С. Понтрягин фаҳмида мешавад ва динамикаи бозӣ дар фазоҳои беохирченака дода мешавад, муҳим буда, нисбатан кам таҳқиқ шудааст. Диссертатсияи мазкур ба чунин проблемаи муҳим бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки довталаб соли 1982 бо роҳбарии профессор Н.Сатимов дар Шӯрои диссертатсионии К015.17.01-и Донишкадаи математикаи Академияи фанҳои РСС Узбекистон ба номи В.И. Романовский рисолаи номзадиашро дифоъ намудааст. Дар он бори аввал ҳалли м.т. ва м.г. барои бозиҳои дифференсиалӣ дар ҳоле омӯхта шудааст, ки динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии одӣ дар фазои Банах тавсиф карда мешавад.

Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи амалишавии нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои риёзию табиатшиносии муосири ДДҲБСТ дар солҳои 2016-2020 дар мавзуи «Таҳқиқи муодилаҳои дифференсиалии навъҳои эллиптикӣ, гиперболӣ ва бозиҳои дифференсиалӣ дар фазоҳои махсуси функсионалӣ» ва дар солҳои 2021–2025 дар мавзӯи «Муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ: назария ва усулҳои таълим» иҷро гардидааст.

---

[48] Алимов Х.Н. О задаче преследования, описываемой дробными дифференциальными уравнениями [Текст] / Х.Н. Алимов, М.Ш. Маматов // Научный вестник СамГУ. Самарканд. – 2016. – №1. – С. 5–9.

[49] Барановская Л.В. Метод разрешающих функций для одного класса задач преследования [Текст] / Л.В. Барановская // Восточно-Европейский журнал передовых технологий: Математика и кибернетика - прикладные аспекты. – 2015. – 2/4 (74). – С. 4–8.

[50] Чикрий А.А. О линейных конфликтно управляемых процессах с дробными производными [Текст] / А.А. Чикрий, И.И. Матичин // Тр. Ин-та мат-ки и механики УрО РАН. – 2011. – Т. 17. – №2. – С. 256–270.

[51] Baranovska L.V. Pursuit differential-difference games with pure time-lag [Text] / L.V. Baranovska // Discrete and Continuous Dynamical Systems – Series B. – 2019. – Vol. 24 (3). – P. 1024–1031.

[52] Мухсинов Е.М. Задача преследования для дифференциальной игры с запаздывающим аргументом в бесконечномерном пространстве [Текст] / Е.М. Мухсинов, М.Н. Муродова // Вестник ТНУ. Серия естественных наук. – 2018. – №3. – С. 79–86.

[53] Мухсинов Е.М. Линейные дифференциальные игры преследования при наличии запаздываний в гильбертовом пространстве [Текст] / Е.М. Мухсинов, М.Н. Муродова // Вестник ТНУ. Серия естественных наук. – 2016. – №1/1 (192). – С. 233–236.

[54] Chikrii A.A. On a Differential Game in a System Described by a Functional Differential Equation [Text] / A.A. Chikrii, A.G. Rutkas, L.A. Vlasenko // Proceedings of the International Conference “Stability, Control, Differential Games” (SCDG2019). – 2020. – P. 63–73.

[55] Ja’afaru A.B. On some pursuit and evasion differential game problems for an infinite number of first-order differential equations [Text] / A.B. Ja`afaru, G.I. Ibragimov // J. of Applied Mathematics. – 2012. – P. 1–13.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии кори диссертатсионӣ минбаъд инкишоф додани назарияи бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан дар фазоҳои Банах, дар ҳоле, ки динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии:

- дорои оператори хатии сарбаста (о.х.с.);
- навъи ақибмонда;
- навъи нейтралӣ;
- тартиби касрӣ

тавсиф мешавад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин таъин мешаванд:

- барои бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ дарёфти маҷмӯи нуқтаҳои ибтидоӣ, ки аз онҳо таъқибкунӣ имконпазир аст (т.и.а.);
- барои бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ бо аргументи ақибмонда дарёфти шароите, ки анҷоми т.и.а.;
- барои бозиҳои дифференсиалии таъқибкунии навъи нейтралӣ дарёфти маҷмӯи нуқтаҳои ибтидоӣ, ки аз онҳо т.и.а;
- барои бозиҳои дифференсиалии таъқибкунии тартиби касрӣ дарёфти шароите, ки анҷоми т.и.а.;
- барои баъзе синфҳои бозиҳои дифференсиалӣ таҳқиқ намудани шароити оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ;
- барои баъзе синфҳои бозиҳои дифференсиалӣ дарёфти шароитҳое, ки гурехтан имконпазир аст (г.и.а.);
- таҳқиқи мисолҳои бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан, ки динамикаи кадомеҳо бо муодилаҳои дифференсиалии навъи ақибмонда, навъи нейтралӣ ва тартиби касрӣ тавсиф карда мешавад.

Объекти таҳқиқот. Объектҳои асосии таҳқиқот бозиҳои дифференсиалӣ мебошанд, ки бо муодилаҳои дифференсиалии

- бо операторони сарбаста;
- бо аргументҳои ақибмонда;
- навъи нейтралӣ;
- тартиби касрӣ

тавсиф карда мешаванд.

Мавзуи таҳқиқот. Ҳалшавандагии м.т ва м.г. барои баъзе аз синфҳои бозиҳои дифференсиалӣ дар фазоҳои беохирченакаи Банах.

Усулҳои таҳқиқот. Дар кор усулҳои таҳлили функсионалӣ, назарияи инъкосҳои бисёрқиммата, назарияи муодилаҳои дифференсиалии дорои аргументҳои ақибмонда, навъи нейтралӣ, тартиби касрӣ ва назарияи бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Ҳамаи натиҷаҳои диссертатсия нав буда, аз инҳо иборатанд:

- дар фазои Банах барои бозии дифференсиалии квазихатӣ бо о.х.с., дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои геометрӣ гузошта мешавад, шартҳо ёфта шудаанд, ки дар вақти оптималӣ т.и.а.;
- дар фазои Банах барои бозиҳои дифференсиалии навъи ақибмонда маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоӣ ёфта шудааст, ки аз онҳо дар вақти оптималӣ т.и.а.;
- дар фазои Банах ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалӣ дар ҳоле исбот шудааст, ки динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии навъи нейтралӣ тасвир карда мешавад;
- дар фазои ҳилбертӣ ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалӣ дар ҳоле исбот шудааст, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта шудаанд;
- дар фазои ҳилбертӣ ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалии хаттии навъи ақибмонда дар ҳоле исбот шудааст, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта шудаанд;
- дар фазои ҳилбертӣ барои бозиҳои дифференсиалии квазихаттии навъи нейтралӣ бо маҳдудиятҳои интегралӣ, маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоӣ ёфта шудаанд, ки аз онҳо т.и.а.;
- дар фазои ҳилбертӣ барои ҳалшавандагии м.г. дар бозии дифференсиалии ғайрихаттии навъи нейтралӣ шартҳои кофӣ ёфта шудаанд;
- дар фазои Банах теоремаҳо оид ба ҳалшавандагии м.т. ва м.г. барои бозии дифференсиалии ғайрихаттии навъи ақибмонда исбот карда шудаанд;
- маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоӣ ёфта шудаанд, ки аз кадомеҳо дар бозиҳои дифференсиалии тартиби касрӣ дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои геометрӣ ё интегралӣ гузошта шудааст, т.и.а.;
- дар бозиҳои интегралӣ-дифференсиалии тартиби касрӣ, дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои геометрӣ ё интегралӣ гузошта шудаанд, теоремаҳо оид ба ҳалшавандагии м.т. исбот карда шудаанд;
- оид ба ҳалшавандагии м.т. дар бозиҳои дифференсиалӣ бо якчанд ҳосилаҳои касрӣ теоремаҳо исбот карда шуданд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада характери назариявӣ дошта, дар назарияи бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан бо параметрҳои ҷамъшуда ва тақсимшуда, дар назарияи математикии равандҳои идорашавандае, ки дар шароити ихтилоф ва номуайянӣ ба амал меоянд, дар назария ва технологияи идоракунии автоматӣ барои системаҳои дорои аргументи ақибмонда, навъи нейтралӣ ва ҳосилаҳои касрӣ, инчунин дар ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки метавон ҳамчун бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан дар фазоҳои мувофиқи Банах навишта мешаванд,татбиқшаванда аст. Муҳимияти кор аз он иборат аст, ки натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада нав буда, дар назарияи бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан дар фазоҳои беохирченакаи Банах самти навро мекушояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ барои бозии дифференсиалии квазихатӣ бо о.х.с.;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба анҷоми т.и.а. дар бозиҳои дифференсиалии навъи ақибмонда;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба анҷоми т.и.а. дар бозиҳои дифференсиалии навъи нейтралӣ;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалии хаттӣ, дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта мешавад;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалии навъи ақибмонда, дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта мешаванд;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.т. барои бозиҳои дифференсиалии квазихатии навъи нейтралӣ бо маҳдудиятҳои интегралӣ ба идоракунии бозингарон;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.г. дар бозии дифференсиалии ғайрихаттии навъи нейтралӣ;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.г. дар бозии дифференсиалии навъи нейтралӣ бо маҷмӯи терминалии инвариантӣ;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда оид ба ҳалшавандагии м.т. ва м.г. дар бозиҳои дифференсиалии ғайрихаттии навъи ақибмонда дар фазои Банах;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда барои анҷоми т.и.а. дар бозиҳои дифференсиалии тартиби касрӣ, дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои геометрӣ ё интегралӣ ҷорӣ карда мешаванд;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда барои анҷоми т.и.а. дар бозиҳои интегралӣ-дифференсиалии тартиби касрӣ, дар ҳоле, ки ба идоракунии бозингарон маҳдудиятҳои геометрӣ ё интегралӣ ҷорӣ карда мешаванд;
- тасдиқот дар бораи шартҳои басанда барои анҷоми т.и.а. дар бозиҳои дифференсиалӣ бо якчанд ҳосилаҳои касрӣ дар фазои Банах;
- ҳосил кардани формулаи дарёфти вақти таъқибкунӣ ва интихоби идораи таъқибкунӣ;
- ҳосил кардани формула барои ҳисоб кардани масофа аз объекти идорашаванда то маҷмӯи терминалӣ ва интихоби идораи гурезанда.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии натиҷаҳо бо исботҳои далели математикии ҳамаи тасдиқотҳои дар диссертатсия овардашуда таъмин карда шуда, бо таҳқиқотҳои олимони дигар тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (формула ва соҳаи таҳқиқот). Кори диссертатсионӣ аз рӯи ихтисоси 01.01.02 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ анҷом дода шудааст. Он ба ҷузъи ин ихтисос – идоракунии оптималӣ тааллуқ дорад ва ба формулаи ихтисос ва банди «Муодилаҳои дифференсиалӣ ва системаи муодилаҳои дифференсиалӣ дар масъалаҳои идоракунии оптималӣ ва ҳисобкунии вариатсионӣ»-и соҳаи таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳадафҳои таҳқиқот бо иштироки мушовири илмӣ, ки кӯмаки машваратӣ расонидааст, таҳия карда шудаанд. Ҳамаи натиҷаҳои диссертатсия, ки дар бахши «Навгонии илмии таҳқиқот» инъикос ёфтаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудааст. Дар мақолаҳои шариктаълиф [20-А], [33-А], [36-А], [38-А], [39-А] ҳаммуаллифон дар муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада иштирок намуданд.

Тавсиб ва амалисозиии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастовардаи муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои зерин мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтанд:

- конференсияи илмии байналхалқии «Методҳои муосири назарияи масъалаҳои канорӣ». Хонишҳои Понтрягин. Мактаби математикии баҳории Воронеж. (3–9 май 2023), Воронеж;
- конференсияи илмӣ-амалии байналхалқии «XIII-умин Хонишҳои Ломоносовӣ», бахшида ба 115-солагии академик Б.Гафуров. (28–29 апрел 2023), Душанбе;
- конференсияи илмии байналхалқии «Усулҳои муосири математикаи амалӣ, назарияи идоракунӣ ва технологияҳои компютерӣ» (13–16 декабри 2022), Воронеж;
- конференсияи илмии байналхалқии «Муодилаҳои ғайриклассикии физикаи математикӣ ва татбиқи онҳо (6–8 октябри 2022), Тошканд;
- конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муҳим ва дурнамои рушди илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ» (28–29 октябри 2022), Душанбе;
- конференсияи илмии байналхалқии «Муаммоҳои муосири таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо» бахшида ба 70-солагии академики АМИ Тоҷикистон М.Ш. Шабозов (24-25 июни 2022), Душанбе;
- конференсияи илмии байналхалқии « Муаммоҳои муосири назарияи ададҳо ва таҳлили математикӣ» бахшида ба 80-солагии профессор Д.Исмоилов (29–30 апрели 2022), Душанбе;
- конференсияи илмии умумирусиягии «Усулҳои муосири математикаи амалӣ, назарияи идоракунӣ ва технологияҳои компютерӣ» (14–16 декабри 2021), Воронеж;
- конференсияи байналхалқии «Масъалаҳои ғайрилокалии сарҳадӣ ва муаммоҳои марбути биологияи математикӣ, информатика ва физика» (5–9 декабри 2021), Налчик;
- II конференсияи илмӣ-амалии байналхалқии «Оид ба истифодаи муодилаҳои дифференсиалӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ» (4 ноябри 2021), Душанбе;
- конференсияи ҷумҳуриявии «Муаммоҳои муосири математикаи амалӣ ва нақши онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии техникии ҷомеа» (29–30 октябри

2021), Хуҷанд;

- конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ бо иштироки олимони хориҷӣ «Хонишҳои Саримсоқов » (16–18 сентябри соли 2021), Тошканд;
- конференсияи байналхалқӣ оид ба алгебра, таҳлил ва геометрия (22–28 августи 2021), Қазон;
- конференсияи байналхалқии «Физикаи математикӣ, системаҳои динамикӣ ва таҳлили беохирченака (30 июн–9 июли 2021), Русия, вилояти Маскав, Долгопрудный;
- конференсияи байналхалқии «Муаммоҳои муҳими математикаи муосир», бахшида ба 80-солагии профессор Т.Собиров (25–26 июни 2021), Душанбе;
- конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ «Рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: роҳҳои татбиқи натиҷаҳои онҳо дар истеҳсолот» бахшида ба эълон шудани солҳои 2020–2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзи (21-22 апрели 2021), Хуҷанд;
- конференсияи илмию амалии байналхалқӣ. Уфуқи илмӣ дар заминаи бӯҳронҳои иҷтимоӣ (11-12 апрели 2021), Токио, Ҷопон;
- конференсияи байналхалқии «Муаммоҳои муосири таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ», бахшида ба 70-солагии зодрӯзи академики АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Қ.Х. Бойматов (25-26 декабри 2020), Душанбе;
- конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ «Муаммоҳои муосири назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ бо коэффисиентҳои сингулярӣ», бахшида ба 80-солагии профессор М.Исматӣ ва 20-солагии рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (26.09.2020), Душанбе;
- конференсияи илмии ҷумҳуриявии «Ташаккули самтҳои инноватсионии илмхои дақиқ ва техникӣ дар замони муосир : муаммо ва дурнамои рушд» (19 ноябри 2015), Хуҷанд;
- конференсияи илмии байналхалқии «Муаммоҳои муосири математика ва таълими он», бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии риёзидонҳо А.Мухсинов, А.Б. Нозимов, С. Байзаев, Д. Осимова, К. Тухлиев (28-29 июни 2014), Хуҷанд;
- конференсияи байналхалқии «Усулҳои математика дар таҳқиқотҳои амалиётӣ» (24–29 октябри 1987), София, Булғористон;
- конференсияҳои илмию амалии ДДҲБСТ (2014-2022), Хуҷанд;
- семинари илмии муштараки Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии академик М. Илолов (2023), ш.Душанбе;
- семинарии илмии фосилавии Донишгоҳи давлатии Вологда таҳти роҳбарии д.и.ф.-м., профессор Э. Муҳамадиев (2023), ш.Вологда, Руссия;
- семинари илмии ДДҲБСТ таҳти роҳбарии д.и.ф.-м., профессор С. Байзоев (2017-2023с.), ш.Хуҷанд.

Баъзе аз натиҷаҳои диссертатсия, ҳангоми хондани курсҳои махсус ва навиштани рисолаҳо барои донишҷӯён ва бакалаврҳо, истифода бурда шудааст.

Интишорот аз рӯи мавзӯи диссертатсия. Натичаҳои асосии диссертатсия дар корҳои [1-М] - [40-М] чоп шудаанд. Корҳои [2-М] - [18-М] дар маҷаллаҳои аз рӯйхати маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва нашрияҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсия намудаанд, ба табъ расидаанд. Мақолаҳои [2-М] - [5-М] ба пойгоҳи реферативӣ ва библиографии байналхалқии Web of Science ва Scopus шомиланд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Кор аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, панҷ боб, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо ва рӯйхати адабиётҳо (355 номгӯи асарҳо) иборат аст.

Дар диссертатсия рақамгузории сегонаи теоремаҳо, леммаҳо ва формулаҳо истифода шудааст. Дар он рақами якум боб, рақами дуюм банд ва рақами сеюм тартиби теорема, лемма ё формулаи банди додашударо нишон медиҳад. Ҳаҷми умумии рисола аз 306 саҳифа иборат аст.

Миннатдорӣ

Муаллиф аз мушовири илмиаш д.и.ф.-м., профессор Байзоев Саттор барои маслиҳатҳои пурарзиш ва таваҷҷуҳ ба кор изҳори сипос мекунад.

ҚИСМИ АСОСӢ

Дар автореферат рақамҳои формулаҳо, теоремаҳо, таърифҳо ва фарзияҳо бо рақамҳои дар диссертатсиябуда мувофиқат мекунанд.

Боби якуми (§§ 1.1–1.4) диссертатсия ба таҳлили адабиёт оид ба бозиҳои дифференсиалӣ, ба баъзе мафҳумҳо ва натиҷаҳои ёрирасон бахшида шудааст.

Дар банди аввал нуқтаҳои назари гуногун, аз назари математики амрикоӣ Р.Айзекс сар карда то назари академик Н.Н. Красовский, ба бозиҳои дифференсиалӣ оварда шудааст.

Дар банди дуюм нуқтаи назари академик Л.С. Понтрягин оварда шудааст.

Дар банди сеюм баъзе натиҷаҳои муҳим оид ба бозиҳои дифференсиалии таъқибкунӣ ва гурехтан, дар ҳоле, ки м.т. ва м.г. ба маънои Л.С. Понтрягин фаҳмида шуда, динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии оддӣ, муодилаи дифференсиалии навъи ақибмонда, муодилаи дифференсиалии навъи нейтралӣ ё муодилаи дифференсиалии тартиби касрӣ навишта мешавад, оварда шудааст.

Дар банди чорум баъзе таърифҳо ва натиҷаҳои ёрирасон оварда шудаанд.

Боби дуюми (§§2.1–2.6) диссертатсия ба бозиҳои дифференсиалии хаттӣ ва квазихаттии таъқибкунӣ дар фазои Банах бахшида шудааст.

Дар банди аввал гузориши м.т. ва м.г. оварда шудааст.

Бигзор $X,\ Y,\ Z$ −фазоҳои Банах. Дар фазои X бозии дифференсиалиеро, ки бо муодилаи дифференсиалии

$$D^{\alpha}x(t) = F\big(t, x(t), x(t-h), D^{\alpha}x(t-h)\,, u(t), v(t)\big) \qquad (2.1.1)$$

ва маҷмӯи терминалии сарбастаи $M \subset X$, ки дар он бозӣ ба охир мерасад, навишта мешавад, баррасӣ мекунем. Дар бозии (2.1.1) $t \geq 0,\ x(t) \in X,\ h > 0$, $\mathrm{U}([0,\infty), Y)$ −маҷмӯи инъикосҳои ченшавандаи $[0,\infty)$ −ро ба Y инъикоскунанда, ки дар $[0,\infty)$ ченаки Лебег дида мешавад, $u(\cdot) \in U([0,\infty), Y)$ − идораи таъқибкунанда, $v(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$ −идораи гурезанда ва D^{α} −ҳосилаи бутун ё касрии тартиби α аз функсияи $x(t)$. Дар оянда фарз мекунем, ки инъикоси $F: [0,\infty) \times D \times D \times D \times Y \times Z \to X, D \subset X$ чунин аст, ки барои ҳама гуна $u(\cdot) \in U([0,\infty), Y),\ v(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$ ва мавқеъи ибтидоии $\varphi(\cdot)$ аз синфи функсияҳои $[-h, 0]$ − ро ба X инъикоскунанда, масъалаи Коши

$$\begin{cases} D^{\alpha}x(t) = F\big(t, x(t), x(t-h), D^{\alpha}x(t-h)\,, u(t), v(t)\big) \\ \qquad\qquad x(s) = \varphi(s), \quad -h \leq s \leq 0 \end{cases} \qquad (2.1.2)$$

дар синфи муайяни функсияҳо ҳалли ягона дорад. Қайд менамоем, ки дар банди чоруми боби аввал як қатор шартҳо оварда шудаанд, ки тибқи онҳо масъалаи Коши (2.1.2) дар синфи муайяни функсияҳо ҳал дорад.

Барои бозии дифференсиалии (2.1.1) таърифи зерини т.и.а. ба маънои Л.С. Понтрягин[12] -ро дида мебароем.

Таърифи 2.1.1. *Дар бозии (2.1.1) аз мавқеи ибтидоии $\varphi(\cdot)$ т.и.а., агар чунин адади $T = T(\varphi)$ мавҷуд бошад, ки барои дилхоҳ $v(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$, дар ҳар лаҳзаи вақти $t \in [0, T]$ муодилаи (2.1.1) ва қиматҳои $x(s)$ ва $v(s), 0 \leq s \leq t$-ро* *дониста, қимати $u(t)-$ ро чунон интихоб намудан мумкин аст, ки $u(\cdot)\in U([0,\infty),Y)$ ва $x(T_1)\in M$ барои ягон қимати $T_1\in[0,T]$, дар куҷо $x(\cdot)$ ҳалли масъалаи Коши (2.1.2)-и ба идоракуниҳои $u(\cdot)$ ва $v(\cdot)$ мувофиқ. Дар ин ҳолат, адади $T=T(\varphi)$ вақти кафолатноки таъқибкунӣ номида мешавад.*

Барои бозии дифференсиалии (2.1.1) мо таърифи зерини оптималии вақти таъқибкуни[26] -ро дида мебароем.

Таърифи 2.1.2. *Адади $T_0=T_0(\varphi)$ вақти оптималии таъқибкунӣ номида мешавад, агар аввал аз мавқеи ибтидоии $\varphi(\cdot)$ дар вақти T_0 т.и.а. ва дуюм, барои ҳамаи $t\in[0,T)$ ва ҳама гуна идораи таъқибкунанда $u(\cdot)\in U([0,t],Y)$ чунин идораи гурезанда $v(\cdot)\in U([0,t],Z)$- ро интихоб намудан мумкин аст, ки барои ҳалли $x(\cdot)$ масъалаи (2.1.2) шарти $x(s)\,\bar{\in}\,M, 0\le s\le t$ иҷро шавад. Дар ин ҳолат, барои интихоби $v(t)$ истифодаи қиматҳои $x(s)$, $u(s), 0\le s\le t$, иҷозат дода мешавад.*

Масъалаи таъқибкунӣ. *Маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоиро ёбед, ки аз онҳо дар бозии (2.1.1) ба маънои таърифи (2.1.1) т.и.а..*

Таърифи 2.1.3. *Дар бозии (2.1.1), аз мавқеи ибтидоии $\varphi(\cdot)$, $\varphi(0)\in X\backslash M$ г.и.а., агар барои дилхоҳ $u(\cdot)\in U([0,\infty),Y)$,* дар *ҳар лаҳзаи вақти $t\in[0,\infty)$ муодилаи (2.1.1) ва қиматҳои $u(s)$ ва $x(s)$, $0\le s\le t-$ ро дониста, қимати $v(t)-$ ро чунон интихоб намудан мумкин аст, ки $v(\cdot)\in U([0,\infty),Z)$ ва $x(t)\,\bar{\in}\,M$, ки дар он $x(\cdot)$ –ҳалли масъалаи (2.1.2)-и ба идоракуниҳои $u(\cdot)$ ва $v(\cdot)$ мувофиқ.*

Масъалаи гурехтан. *Маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоиро ёбед, ки аз онҳо дар бозӣ (2.1.1) ба маънои таърифи 2.1.3 г.и.а..*

Дар банди дуюм, барои бозии дифференсиалии квазихатӣ бо о.х.с., м.т. ҳал карда мешавад. Оиди оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ шартҳо оварда шудааст (теоремаи 2.2.1).

Дар фазои банахии X бозии дифференсиалии квазихатиро, ки бо муодилаи дифференсиалии

$$\dot{x}(t)=Ax(t)+f(u(t),v(t),t) \tag{2.2.1}$$

ва маҷмӯи терминалии сарбастаи $M\subset X$, ки дар он бозӣ ба охир мерасад, тавсиф шудааст, баррасӣ мекунем.

Дар бозии (2.2.1) $t\ge 0$, $x(t)\in X$, $u(\cdot)\in U([0,\infty),Y)$ –идоракунии таъқибкунанда, $v(\cdot)\in U([0,\infty),Z)-$ идоракунии гурезанда, Y ва $Z-$ фазоҳои Банах, инъикоси $f\colon Y\times Z\times[0,\infty)\to X$ шартҳои Каратеодорро қонеъ мегардонад, яъне ӯ нисбат ба $t\in[0,\infty)$ ченшаванда ва нисбат ба $(u,v)\in Y\times Z$ бефосила буда, чунин функсияи ченшавандаи $\eta\colon[0,\infty)\to[0,\infty)$ мавҷуд, ки барои тамоми $u\in Y, v\in Z, t\in[0,\infty)$ нобаробарии $\|f(u,v,t)\|\le\eta(t)$ иҷро мешавад. О.х.с. $A\colon D\to X$ дорои соҳаи дар X зич буда, нимгурӯҳи сахти бефосилаи (н.с.б.) $S(t)-$ ро ҳосил менамояд.

Минбаъд, мувофиқи гуфтаҳои А. Фридман[39] ва Ю.С. Осипов[38] барои дилхоҳ $u(\cdot)\in U([0,\infty),Y)$, $v(\cdot)\in U([0,\infty),Z)$, $x_o\in X$, $T\ge 0$ ҳалли масъалаи Коши

$$\dot{x}(t)=Ax(t)+f(u(t),v(t),t), x(0)=x_o, \tag{2.2.2}$$

дар порчаи $[0, T]$ гуфта, инъикоси $x(\cdot): [0, T] \to X -$ ро меномем, ки бо формулаи зерин

$$x(t) = S(t)x_o + \int_0^t S(t-\tau)f(u(\tau), v(\tau), \tau)d\tau, \qquad t \in [0, T], \qquad (2.2.3)$$

дода шуда, дар он интеграл тибқи Бохнер фаҳмида мешавад.

Теоремаи 2.2.1. *Бигзор шартҳои зерин иҷро шаванд*:

1) $X, Y -$*фазоҳои сепарабелии Банах ва маҷмӯи терминалии* M *барҷаста ва компактӣ нисбат ба топологияи* $\sigma(X, X^*)$*;*
2) *нуқтаи* ибтидоии $x_o \in X \backslash M$ *чунин аст, ки барои ягон* $T \geq 0$
$$S(T)x_o \in M - W_1(T), \qquad (2.2.4)$$
дар кадоме
$$W_1(t) = \int_0^t \bigcap_{v \in Z} S(t-\tau) f(Y, v, \tau)\, d\tau;$$
3) *инъикоси бисёрқиматаи* $t \to W_1(t), t \in [0, T]$ *нисбат ба топологияи* $\sigma(X, X^*)$ сарбаста буда, *барои ҳар як қимати* t *ғайрихолӣ ва барҷаста мебошад;*
4) *чунин инъикоси* $w: Y \to Z$ *мавҷуд, ки барои ҳамаи* $u \in Y, t \in [0, T], 0 \leq \tau \leq t$ *дохилшавии*
$$S(t-\tau)f(u, w(u), \tau) \in \bigcap_{v \in Z} S(t-\tau) f(Y, v, \tau)$$
ҷой дошта, барои ҳар яки $u(\cdot)$ *суперпозисияи* $w(u(\cdot))$*веншаванда аст.*

Он гоҳ аз нуқтаи ибтидоӣ x_o*, дар вақти оптималии* $T_0 = min\{T \geq 0:$ *барои онҳо (2.2.4) ҷой дорад\}*, *т.и.а..*

Бояд қайд намоем, ки теоремаи 2.2.1 натиҷаҳои мувофиқи Л.С. Понтрягин[12], П.Б. Гусятников ва М.С. Никольский[26] ва Е.М. Мухсинов[56,57] -ро ба фазоҳои беохирченака паҳн менамояд. Зиёда аз он, агар корҳои Л.С. Понтрягин ва П.Б. Гусятников, М.С. Никольский ба бозиҳои дифференсиалии хаттии охирченака бахшида шуда бошанд, корҳои Е.М. Мухсинов ба бозихои оддии дифференциалии беохирченака бахшида шудаанд. Ғайр аз ин, агар дар кори Л.С. Понтрягин, ҳангоми интихоби $u(t)$ дар ҳар лаҳзаи вақти t маълумот дар бораи $v(s)$ и $x(s)$, $t \leq s \leq t + \varepsilon$, $\varepsilon > 0$ истифода шавад, дар теоремаи 2.2.1 танҳо маълумот дар бораи $v(s)$ и $x(s)$, $0 \leq s \leq t$ истифода мешавад.

Дар банди сеюм мо маҷмӯи мавқеъҳои ибтидоиро ҳосил мекунем, ки аз онҳо

[56] Мухсинов Е.М. О дифференциальных играх преследования и убегания в банаховых пространствах [Текст] / Е.М. Мухсинов // дис. на соискание ученой степени к. ф.- м. наук: 01.01.02. Ташкент, 1982. – 111 с.

[57] Мухсинов Е.М. Дифференциальные игры преследования в банаховом пространстве [Текст] / Е.М. Мухсинов // ДАН Уз. ССР. – 1981. – Т. 6. – С. 7–9.

дар бозиҳои дифференсиалии навъи ақибмонда т.и.а. (теоремаҳои 2.3.1, 2.3.2).

Дар фазои ҳилбертии X бозии дифференсиалиеро баррасӣ мекунем, ки бо муодилаи навъи ақибмондаи

$$\frac{d}{dt}x(t) = Ax(t) + \int_{-h}^{0} d\eta\,(s)x(t+s) + f(u(t), v(t), t)\,, \qquad (2.3.1)$$

ва маҷмӯи терминалии сарбастаи M, ки дар он бозӣ ба охир мерасад, тавсиф шудааст.

Дар бозии (2.3.1) $x(t) \in X,\ \eta(\cdot)$ –ченаки Стилтес намуди

$$\eta(s) = -\sum_{r=1}^{m} \chi_{(-\infty,-h_r)}(s) \cdot A_r - \int_{s}^{0} A_0\,(\xi)d\xi, \qquad s \in [-h, 0],$$

дорад, ки дар он $0 < h_1 < h_2 < \cdots < h_m < h$, $\chi_{(-\infty,-h_r)}(\cdot)$ –функсияи характеристикии$(-\infty, -h_r)$, $A_r \in L(X, X), r = \overline{1, m}$, $A_0(\cdot) \in L_{p'}\big([-h, 0], L(X, X)\big)$, $\frac{1}{p} + \frac{1}{p'} = 1$ ва о.х.с. $A\colon D \to X$ дорои соҳаи дар X зич буда, н.с.б. $S(t)$ – ро ҳосил менамояд. Нимгурӯҳи $S(t)$ – ро истифода бурда, ҳалли бунёдии $\Phi(t)$ – ро сохта метавонем, ки барои он баробарии

$$\dot{\Phi}(t) = A\Phi(t) + \int_{-h}^{0} d\eta(\xi)\,\Phi(t+\xi) \qquad (2.3.2)$$

ва $\Phi(0) = I$ –оператори воҳидӣ, $\Phi(t) = 0$ дар вақти $t < 0$, ҷой дорад.

Дар оянда инъикоси $t \to f(u(t), v(t), t)$ локалӣ интегронидашаванда буда, барои ҳамаи $t > 0$, $u(\cdot) \in U([0, \infty), Y)$, $v(\cdot) \in U([0, \infty), Z)$, дар кадоме Y ва Z – фазоҳои ҳилбертӣ, ба сифати ҳалли масъалаи Коши

$$\frac{d}{dt}x(t) = Ax(t) + \int_{-h}^{0} d\eta\,(s)x(t+s) + f(u(t), v(t), t), \quad t \geq 0 \qquad (2.3.3)$$
$$x(s) = \varphi(s)\,, \qquad -h \leq s \leq 0$$

бо мавқеи ибтидоии $\varphi(\cdot) \in L_p([-h, 0], X)$ функсияи $x(\cdot)$ – ро қабул менамоем, ки бо формулаи

$$x(t) = \Phi(t)\varphi(0) + \int_{-h}^{0}\left(\int_{-h}^{s} \Phi(t-s+\xi)d\eta(\xi)\right)\varphi(s)ds +$$
$$+\int_{0}^{t} \Phi(t-s)f(u(s), v(s), s)ds, \qquad t \geq 0. \qquad (2.3.4)$$

дода мешавад.

Дар оянда M_0 – зерфазои сарбаста аз X, $M_0^{\perp}$ –пуркунандаи ортогоналӣ ба M_0 дар X, π –оператори проексияи ортогоналӣ аз X ба $M_0^{\perp}$, маҷмӯи терминали

$M = M_0 + M_1$, дар ин ҷо $M_1 \subset M_0^{\perp}$. Маълум аст, ки $x \in M$ танҳо дар ҳолати $\pi x \in M_1$ мешавад.

Теоремаи 2.3.1. *Бигзор шартҳои зерин иҷро шаванд:*

1) M_1 *–маҷмӯи компактӣ нисбат ба топологияи* $\sigma(X, X^*)$*;*
2) *инъикоси*

$$t \to \Omega(t) = \int_0^t \bigcap_{v \in Z} \pi \Phi(t-s) f(Y, v, s) ds, \quad t \in [0, T],$$

чунин аст, ки нисбат ба топологияи $\sigma(X, X^*)$ *секвенсиалӣ сарбаста буда, барои дилхоҳ* t *холӣ нест;*

3) *мавқеи ибтидоӣ* $\varphi(\cdot)$ *чунин аст, ки барои ягон қимати* $T \geq 0$

$$\pi\Phi(T)\varphi(0) + \int_{-h}^{0} \left(\int_{-h}^{s} \pi\Phi(T - s + \xi) d\eta(\xi) \right) \varphi(s) ds \in \mathrm{M}_1 - \Omega(T). \quad (2.3.5)$$

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти кафолатноки* $T_1 = min\{T \geq 0$: *барои онҳо (2.3.5) ҷой дорад*$\}$, *т.и.а..*

Теоремаи зерин дар бораи оптималии вақти таъқибкунӣ дуруст аст.

Теоремаи 2.3.2. *Бигзор шартҳои 1) ва 3) аз теоремаи 2.3.1 ва шартҳои зерин иҷро шаванд:*

а) *маҷмӯи* M_1 *барҷаста буда, инъикоси* $t \to \Omega(t)$ *барҷастақиммата ва нисбат ба топологияи* $\sigma(X, X^*)$ *сарбаста аст;*

б) *чунин инъикоси* $\omega: Y \to Z$ *мавҷуд, ки барои ҳамаи* $u \in Y, t \in [0, T_1], 0 \leq \tau \leq t$ *дохилшавии*

$$\pi\Phi(t-s) f(u, \omega(u), s) ds \in \bigcap_{v \in Z} \pi\Phi(t-s) f(Y, v, s) \qquad (2.3.11)$$

ҷой дошта, барои ҳар яки $u(\cdot)$ *суперпозитсияи* $\omega\big(u(\cdot)\big)$ *ченшаванда аст.*

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти оптималии* $T_1 = T(\varphi)$ *т.и.а..*

Теоремаҳои 2.3.1 ва 2.3.2 натиҷаҳои Н. Сатимов[29], Е.М. Мухсинов ва М.Н. Муродова[52] -ро ба синфи васеи бозиҳо паҳн менамояд. Ғайр аз ин, агар дар теоремаи 2.3.2 оптималии вақти таъқибкунӣ собит шуда бошад, пас муаллифони боло танҳо масъалаи сифатро ҳал мекунанд.

Дар банди чорум м.т. барои бозии дифференсиалии навъи нейтралӣ дар фазои Банах (теоремаҳои 2.4.1–2.4.8) ҳал карда мешавад.

М.т.-ро барои бозии дифференсиалии квазихаттӣ баррасӣ мекунем, ки бо муодилаи дифференсиалии навъи нейтралии

$$\dot{x}(t) = \sum_{i=1}^{n} B_i \dot{x}(t - h_i) + Ax(t) + \sum_{i=1}^{n} A_i x(t - h_i) + f\big(t, u(t), v(t)\big) \qquad (2.4.20)$$

ва маҷмӯи терминалии сарбастаи М, ки дар он бозӣ ба охир мерасад, тавсиф шудааст.

Дар бозии (2.4.20) $t \geq 0$, $0 < h_1 < h_2 < \cdots < h_n = h$, $x(t) \in X$, $u(\cdot) \in U([0,\infty], Y)$ −идоракунии таъқибкунанда, $v(\cdot) \in U([0,\infty], Z)$ −идоракунии гурезанда, $A_i: X \to X$, $B_i: X \to X$ −операторҳои маҳдуди хаттӣ ва $A: D \to X$ − о. х. с. дорои соҳаи дар X зич буда, н.с.б. $S(t)$ − ро ҳосил менамояд. Ғайр аз он, операторҳои хаттии AB_i маҳдуданд. Нимгурӯҳи $S(t)$ − ро истифода бурда, ҳалли бунёдии $\Phi(t)$ − ро сохта метавонем, ки барои он баробариҳои

$$\dot{\Phi}(t) = \sum_{i=1}^{n} B_i \dot{\Phi}\,(t - h_i) + A\Phi(t) + \sum_{i=1}^{n} A_i \Phi(t - h_i), \qquad (2.4.21)$$

$\Phi(0) = I$ −оператори воҳидӣ, $\Phi(t) = 0$ барои $t < 0$ ҷой доранд.

Дар оянда инъикоси $t \to f(u(t), v(t), t)$ локали интегронидашаванда буда, барои ҳамаи $t > 0$, $u(\cdot) \in U([0,\infty), Y)$, $v(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$, дар кадоме Y ва Z − фазоҳои Банах, ба сифати ҳалли масъалаи Коши (2.4.20) бо шарти ибтидоии

$$x(s) = \varphi(s), \quad -h \leq s \leq 0, \qquad (2.4.22)$$

ки $\varphi(\cdot)$ −дар он функсияи мутлақ бефосила аст, мо инъикоси $x(\cdot)$ − ро қабул мекунем, ки бо формулаи

$$x(t) = \left[\Phi(t) - \sum_{i=1}^{n} \Phi(t - h_i) B_i\right] \varphi(0) +$$

$$+ \sum_{i=1}^{n} \int_{-h_i}^{0} \Phi\,(t - \tau - h_i)[A_i \varphi(\tau) + B_i \dot{\varphi}(\tau)] d\tau +$$

$$+ \int_0^t \Phi(t - \tau) f(u(\tau), v(\tau), \tau) d\tau. \qquad (2.4.23)$$

дода мешавад.

Теоремаи 2.4.5 . *Бигзор шартҳои зерин иҷро шаванд:*

1) *маҷмӯи терминалии M компакт нисбат ба топологияи $\sigma(X, X^*)$;*

2) *мавқеи ибтидоии комилан бефосилаи $\varphi(s), -h \leq s \leq 0, \varphi(0) \in X \setminus M$ чунин аст, ки барои ягон қимати $T \geq 0$ дохилшавии*

$$\left[\Phi(T) - \sum_{i=1}^{n} \Phi(T - h_i) B_i\right] \varphi(0) +$$

$$+ \sum_{i=1}^{n} \int_{-h_i}^{0} \Phi\,(T - \tau - h_i)[A_i \varphi(\tau) + B_i \dot{\varphi}(\tau)] d\tau \in M - W_5(T), \qquad (2.4.24)$$

дар кадоме

$$W_5(t) = \int_0^t \bigcap_{v \in Z} \Phi(t - \tau) f(Y, v, \tau) d\tau,$$

ҷой дорад;

3) инъикоси $t \to W_5(t), t \in [0,T]$ *нисбат ба топологияи* $\sigma(X,X^*)$ *секвенсиалӣ сарбаста аст*;

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти кафолатнокӣ* $T_o = min\{T \geq 0$: *барои онҳо (2.3.24) ҷой дорад*$\}$ *т.и.а..*

Теоремаи зерин дар бораи оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ ҷой дорад.

Теоремаи 2.4.6. *Бигзор шартҳои 1)-2) аз теоремаи 2.4.5 ва шартҳои зерин иҷро шаванд:*

1) *маҷмӯи терминалии M барҷаста аст;*
2) *инъикоси* $t \to W_5(t)$, $t \in [0,T]$ *барҷаста ва нисбат ба топологияи* $\sigma(X,X^*)$ *сарбаста аст;*
3) *чунин инъикоси* $w: Y \to Z$ *мавҷуд, ки барои ҳамаи* $u \in Y, t \in [0,T], 0 \leq s \leq t$ *дохилшавии*

$$\Phi(t-s)f(u,w(u),s)ds \in \bigcap_{v \in Z} \Phi(t-s)f(Y,v,s)$$

ҷой дошта, барои ҳар яки $u(\cdot)$ *суперпозисияи* $w\big(u(\cdot)\big)$*ченшаванда аст.*

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти оптималии* $T_o = min\{T \geq 0$: *барои онҳо (2.3.24) ҷой дорад*$\}$ *т.и.а..*

Теоремаи 2.4.7. *Бигзор шартҳои зерин иҷро шаванд:*

1) *мавқеи ибтидоии комилан бефосилаи* $\varphi(s), -h \leq s \leq 0, \varphi(0) \in X \backslash M$, *чунин аст, ки барои ягон қимати* $T \geq 0$ *дохилшавии зерин ҷой дорад:*

$$\left[\Phi(T) - \sum_{i=1}^{n} \Phi(T-h_i)B_i\right]\varphi(0) +$$
$$+\sum_{i=1}^{n}\int_{-h_i}^{0} \Phi\,(T-\tau-h_i)[A_i\varphi(\tau) + B_i\dot{\varphi}(\tau)]d\sigma \in W_6\big(T,\gamma(\cdot)\big), \qquad (2.4.30)$$

дар кадоме

$$W_6\big(T,\gamma(\cdot)\big) = \begin{cases} M, & T=0, \\ \bigcup\limits_{\gamma(\cdot)\in\Gamma(0,T)} \displaystyle\int_0^T \bigcap_{v\in Z} [\gamma(\tau)M - \Phi(T-\tau)f(Y,v,\tau)]d\tau, & T>0. \end{cases}$$

2) *маҷмӯи терминалии M барҷаста аст;*

3) *инъикоси* $t \to W_6(t)$, $t \in [0,T]$ *нисбат ба топологияи* $\sigma(X,X^*)$ *секвенсиалӣ сарбаста аст;*

4) *барои ҳама гуна* $v \in Z$ *инъикоси* $t \to \Phi(T-t)f(Y,v,t)$ *дар порчаи* $[0,T]$ *сарбастақимата аст.*

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти кафолатнокӣ* $T_o = min\{T \geq 0$: *барои онҳо (2.4.30) ҷой дорад*$\}$ *т.и.а..*

Теоремаи зерин дар бораи оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ ҷой дорад.

Теоремаи 2.4.8. Бигзор *шартҳои 1), 2), 4) аз теоремаи 2.4.7 ва шартҳои зерин иҷро шаванд:*

1) *инъикоси* $t \to W_6(t), t \in [0,T]$ *нисбат ба топологияи* $\sigma(X,X^*)$ *сарбаста аст;*
2) *барои ҳар як* $t \in [0,T]$ *маҷмӯи*
$$\int_0^t \bigcap_{v\in Z} \Phi(t-\tau)f(Y,v,\tau)d\tau)$$
ғайрихолӣ, барҷаста ва нисбат ба топологияи $\sigma(X,X^*)$ *сарбаста аст;*
3) *маҷмӯи терминалии* M *нисбат ба топологияи* $\sigma(X,X^*)$ *компакт аст;*
4) *чунин инъикоси* $w: Y \to Z$ *мавҷуд, ки барои ҳамаи* $u \in Y, t \in [0,T], 0 \le s \le t$ *дохилшавии*
$$\Phi(t-s)f(u,w(u),s)ds \in \bigcap_{v\in Z} \Phi(t-s)f(Y,v,s)$$
ҷой дошта, барои ҳар яки $u(\cdot)$ *суперпозисияи* $w\big(u(\cdot)\big)$*ченшаванда аст.*

Он гоҳ аз мавқеи ибтидоӣ $\varphi(\cdot)$ *дар вақти оптималии* $T_o = min\{T \ge 0:$ *барои онҳо (2.4.30) ҷой дорад}* *т.и.а..*

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки барои исботи теоремаҳои 2.4.1—2.4.8 аввалин усули Л.С. Понтрягин[12], лемма 1.4.3 дар бораи мавҷудияти селектори ченшаванда дар инъикоси ба таври ғайриошкор додашуда ва барои исботи оптималӣ будани вақти таъқибкунӣ теоремаи 1.4.1 оид ба ҷудошавии қатъӣ, истифода шудааст. Агар теоремаҳои 2.4.1 ва 2.4.2 баъзе натиҷаҳои Н. Сатимов[29] ва Е.М. Мухсинов[56] -ро ҷамъбаст намояд, теоремаҳои 2.4.3–2.4.8 натиҷаҳои мувофиқи Н. Сатимов[28,29], П.Б. Гусятников, М. Никольский[26], Е.М. Мухсинов ва М. Муродова[52]-ро, дар ҳоле, ки динамикаи бозӣ бо муодилаи дифференсиалии навъи нейтралӣ навишта мешавад, барои фазои Банах паҳн менамоянд.

Дар банди панҷум м.т. барои бозии навъи нейтралӣ дар фазои Ҳилберт ҳал карда мешавад (теоремаҳои 2.5.1, 2.5.2). Натиҷаҳои дар ин банд ба даст овардашуда, натиҷаҳои Е. Мухсинов ва М. Муродова[53]-ро, ки дар он м.т. барои бозии дифференсиалии бо аргументи ақибмонда баррасӣ мешавад, дар бар мегирад.

Дар банди шашум мисолҳо оид ба ҳалшавандагии м.т. таҳқиқ шудааст. Вақти таъқибкунӣ муайян карда шуда, барои ҳама гуна идоракунии гурезанда қонуни интихоби идоракунии таъқибкунанда нишон дода шудааст (мисолҳои 2.6.1–2.6.3).

Боби сеюми (§§3.1–3.4) диссертатсия ба бозиҳои дифференсиалии хаттӣ ва квазихаттӣ бо маҳдудиятҳои интегралӣ ба идоракунии бозингарон бахшида шудааст.

Дар банди аввал м.т. барои бозии дифференсиалии хаттӣ бо маҳдудиятҳои интегралӣ ҳал карда мешавад (теоремаҳои 3.1.1, 3.1.2).

Бигзор X, Y, Z $-$фазоҳои ҳилбертӣ, $M -$ зерфазои сарбастаи хаттии фазои X, $B: Y \to X$, $C: Z \to X -$операторҳои маҳдуди хаттӣ ва $A: D \to X -$ оператори хаттӣ ва сарбастаи дорои соҳаи дар X зич буда, нимгурӯҳи сахти бефосилаи $S(t) -$ ро ҳосил менамояд.

Бозии дифференсиалии хаттиро баррасӣ мекунем, ки бо муодилаи дифференсиалии зерин

$$\dot{x}(t) = Ax(t) - Bu(t) + Cv(t),$$

тавсиф шуда, ба $u(\cdot) \in U([0,\infty), Y) -$ идоракунии таъқибкунӣ ва $v(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$ −идоракунии гурезанда маҳдудиятҳои интегралӣ гузошта шудааст:

$$\int_0^\infty \|u(t)\|^2\, dt \le \rho^2, \quad \int_0^\infty \|v(t)\|^2\, dt \le \sigma^2, \qquad (3.1.2)$$

ки дар он ρ, σ −ададҳои ғайриманфӣ. Ба сифати ҳалли масъалаи Коши

$$\begin{cases} \dot{x}(t) = Ax(t) - Bu(t) + Cv(t) \\ x(0) = x_o \end{cases}$$

дар порчаи $[0, T]$ инъикоси $x(\cdot) -$ро мегирем, ки бо формулаи зерин дода мешавад:

$$x(t) = S(t)x_o + \int_0^t S(t-s)(Cv(s) - Bu(s))\, ds, \ \ t \in [0, T].$$

Теоремаи 3.1.1. *Фарз мекунем, ки:*

1) *функсияи ғайриманфӣ, қатъиян афзоянда ва бефосила дифференсиалшавандаи $J(t), t \ge 0$ чунин аст, ки $J(0) = 0$ ва $J(t) \ge t$;*
2) *оператори маҳдуди хаттии $L(t): Z \to Y$ аз t бефосила вобаста буда, баробарии зерин ҷой дорад:*
$$\pi S(J(t))C = \pi S(t)BL(t), t \ge 0\ ;$$
3) *нобаробарии $\alpha \ge \lambda(t)$, $t \ge 0$ ҷой дорад, ки дар кадоме*
$$\alpha^2 = \rho^2 - \int_0^{t_1} \|\bar{u}(s)\|^2 ds,$$
$\bar{u}$ −ягон идоракунии таъқибкунанда ва функсияи $\lambda(\cdot)$ бо формулаи зерин дода мешавад:
$$\lambda^2(t) = sup\left\{\int_0^t \left\|L(s)v\big(J(t) - J(s)\big)J'^{(s)}\right\|^2 ds : \int_0^{J(t)} \|v(s)\|^2 ds \le \sigma^2\right\}$$
ва ададҳои $t_1 \ge 0, \tau = \tau(x_o) \ge 0$ чунинанд, ки $J(\tau) = t_1 + \tau$;
4) *дохилшавии*
$$\pi S(t_1+\tau)x_o - \int_0^{t_1} \pi S(t_1+\tau-s)B\bar{u}\,(s)ds \in \Omega(\tau),$$
ҷой дорад,ки дар кадоме
$$\Omega(\tau) = \left\{\int_0^\tau \pi S(\tau-s)Bp(s)ds : \int_0^\tau \|p(s)\|^2 ds \le \big(\alpha - \lambda(\tau)\big)^2\right\}.$$

Он гоҳ аз нуқтаи ибтидоии $x_o \in X\backslash M$ дар вақти $t_1 + \tau$ т.и.а..

Қайд менамоем, ки теоремаҳои 3.1.1 ва 3.1.2 натиҷаҳои А.Я. Азимов[23] ва М. Никольский[21] -ро барои фазоҳои беохирченака паҳн менамояд. Дар ин маврид барои интихоби $u(t)$ танҳо маълумот дар бораи $v(s), 0 \le s \le t$ ва x_o истифода бурда мешавад.

Дар банди дуюм м.т. барои бозии дифференсиалии навъи ақибмонда бо маҳдудиятҳои интегралӣ ҳал карда мешавад (теоремаи 3.2.1).

Дар банди сеюм м.т. барои бозии навъи нейтралӣ бо маҳдудиятҳои интегралӣ ҳал карда мешавад (теоремаҳои 3.3.1–3.3.6).

Дар фазои ҳилбертии X барои бозии дифференсиалии квазихаттӣ, ки бо муодилаи навъи нейтралӣ (2.4.20) ва маҷмӯи терминалии $M,$ ки зерфазои сарбастаи фазои X аст, дода мешавад, м.т. баррасӣ мешавад. Дар бозии (2.4.20) $t \geq 0,\ x(t) \in X,\ 0 < h_1 < h_2 < \cdots < h_n = h,$ операторҳо $A_i: X \to X$ и $B_i: X \to X$ хаттӣ ва маҳдуд ва $A: D \to X -$ о.х.с. дорои соҳаи дар X зич буда, н.с.б. $S(t) -$ ро ҳосил менамояд. Ғайр аз он, операторҳои хаттии AB_i маҳдуд буда, идоракуниҳои $u(\cdot) \in U([0,\infty), Y)$ ва $\vartheta(\cdot) \in U([0,\infty), Z)$ маҳдудиятҳои интегралии (3.1.2)-ро қонеъ мекунанд.Нимгурӯҳи $S(t) -$ ро истифода бурда, ҳалли бунёдии $\Phi(t) -$ ро сохта метавонем, ки барои кадоме баробарии (2.4.21) ҷой дорад.

Дар оянда фарз мекунем, ки инъикоси интегронидашавандаи $t \to f(u(t), v(t), t)$ чунон аст, ки барои ҳар гуна идоракуниҳои имконпазирии $u(\cdot), \vartheta(\cdot)$ ва мавқеи ибтидоии $\varphi(\cdot)$ аз синфи инъикосҳои мутлақ бефосилаи порчаи $[-h, 0] -$ ро ба X инъикоскунанда, масъалаи Коши (2.4.20) бо шарти ибтидоии (2.4.22) ҳалли намуди (2.4.23)-ро дорад.

Ғайр аз ин, $M^{\perp} -$пуркунандаи ортогоналии M дар $X,\ \pi -$оператори ортогоналӣ аз X ба $M^{\perp}$.

Дар теоремаи 3.3.4 фарз мекунем, $f(u(t), v(t), t) = -Cu(t) + Dv(t), C: Y \to X$ ва $D: Z \to X -$операторҳои хаттии маҳдуд.

Теоремаи 3.3.4. *Фарз мекунем, ки :*

1) *чунин оператори маҳдуди хаттии аз* $t \geq 0$ *бефосила вобастаи* $L(t): Z \to Y$*мавҷуд, ки* $\pi\Phi(t)D = \pi\Phi(t)CL$;
2) *агар*
$$\lambda^2(t) = sup\left\{\int_0^t \|L(s)v(t-s)\|^2 ds : \int_0^t \|v(s)\|^2 ds \leq \sigma^2\right\},$$
он гоҳ барои ҳамаи $t \geq 0$ *нобаробарии зерин ҷой дорад* $\rho \geq \lambda(t)$;
3) *мавқеи ибтидоии* φ *ва адади* $T = T(\varphi)$ *чунинанд, ки дохилшавии зерин ҷой дорад:*
$$\left[\pi\Phi(T) - \sum_{i=1}^{n} \pi\Phi(T - h_i)B_i\right]\varphi(0) +$$
$$+\sum_{i=1}^{n} \int_{-h_i}^{0} \pi\Phi(T - s - h_i)[A_i\varphi(s) + B_i\dot{\varphi}(s)]ds$$
$$\in \left\{\int_0^T \pi\Phi(T-s)Cp(s)ds : \int_0^T \|p(s)\|^2 ds \leq \left(\rho - \lambda(T)\right)^2\right\}.$$

Он гоҳ дар бозии (2.4.20) аз мавқеи ибтидоии $\varphi(s), -h \leq s \leq 0$ *дар вақти* $T = T(\varphi)$ *т.и.а..*

Теоремаи зерин ҳалшавандагии м.т.-ро барои бозии дифференсиалии квазихатии (2.4.20) таъмин мекунад.

Теоремаи 3.3.6 . *Фарз мекунем, ки:*

1) *чунин оператори маҳдуди хаттии аз* $t \geq 0$ *бефосила вобастаи* $L(t): Z \to Y$ *ва инъикоси локалии интегронидашавандаи* $g: Y \to X$ *мавҷуд, ки барои ҳамаи* $T \geq 0,\ t \in [0, T]$ *баробарии зерин ҷой дорад:*
$\pi\Phi(T-t)g\big(u(t) - L(T-t)v(t)\big) = -\pi\Phi(T-t)f(u(t), v(t), t);$

2) *нобаробарии* $\rho \geq \lambda(t),\ t \geq 0$ *ҷой дорад, ки дар кадоме*

$$\lambda^2(t) = sup\left\{\int_0^t \|L(s)v(t-s)\|^2 ds : \int_0^t \|v(s)\|^2 ds \leq \sigma^2\right\};$$

